# Барои як мусалмон ҷоиз нест бештар аз се рӯз бо бародари мусулмонаш қаҳрӣ бимонад, вақте бо ҳам вомехуранд аз ҳамдигар рӯй мегардонанд ва беҳтарини онҳо ҳамон аст, ки бо салом гуфтан оғоз мекунад

Аз Абуаюби Ансорӣ (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст, ки Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) гуфтанд: "Барои як мусалмон ҷоиз нест бештар аз се рӯз бо бародари мусулмонаш қаҳрӣ бимонад, вақте бо ҳам вомехуранд аз ҳамдигар рӯй мегардонанд ва беҳтарини онҳо ҳамон аст, ки бо салом гуфтан оғоз мекунад". [Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) аз қаҳрӣ кардан бо бародари мусалмони худ бештар аз се рӯз наҳӣ кардаанд, яъне чун бо ҳам вомехӯранд салом намедиҳанд ва сухан намегӯянд. Беҳтарини ин ду ҳамоне аст, ки барои аз байн бурдани хусумат талош меварзад, дар салом додан сабқат мекунад. Мақсуд аз қаҳр инҷо ҳамон хусумат дар мавриди масоили шахсӣ аст, аммо қаҳр будан дар мавриди ҳуқуқи илоҳӣ, монанди қаҳр будан бо гунаҳкорону бидъаткор ва дӯстони бад маршрут ба вақт нест, балки вобаста ба тарки он ва бо ҳам омадан аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/5365